# Тақриз

**ба автореферати рисолаи доктории Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович – "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод") барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.**

Рисолаи доктории Абдулмумин Қутбиддинов дар хусуси публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ пажӯҳиши арзишмандест. Зеро матбуоти маҳаллӣ, дар баробари матбуоти марказӣ, ифодагари вазъи ҷомеа буда, дар фазо ва вақти муайян набзи маҳалро бозгӯ менамояд. Ҳамчунин, он аввалин зинае дар маҳалҳо маҳсуб мешавад, ки дар пешрафти маърифату ҷаҳонбинии омма, тарбияи маънавию худшиносии миллӣ, инъикоси созандагиву бунёдкориҳо нақши назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқу омӯзиши публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ, хусусан публитсистикаи бадеии он муҳиму актуалӣмебошад.

Диссертатсияи Абдулмумин Қутбиддинов дар чор боб, ва ёздаҳ фаслу хулоса таълиф шудааст. Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, навгониву дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, вазифаҳои таҳқиқ, методҳои таҳқиқи илмӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, инчунин арзиши амаливу назариявии пажӯҳиши илмӣ дар муқаддимаи кор возеҳзикр ёфта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар даҳ банд нишон дода шудааст.

йБоби якуми рисола – **"Баъзе ҷанбаҳои назарии шинохти матбуоти маҳаллӣҳамчун типи хоси матбуоти даврӣ"** – аз чор фасл таркиб ёфта, фасли аввали он **"Аносири умумӣ ва хосаи нашрияҳои маҳаллӣ"** ном гирифтааст. Ин фасл ҷанбаи назариявӣ дошта, дар бораи мақому ҷойгоҳи матбуоти маҳаллӣ дар низоми матбуоти даврӣ маълумот додааст. Ҳамчунин, муаллиф дар хусуси унсурҳои хоси матбуоти маҳаллӣ ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки "матбуоти ноҳия ва шаҳр бо мавзӯъ ва масъалагузории худ фарқ доранд". Муҳаққиқ фарқро дар он маънидод кардааст, ки матбуоти маҳаллӣ ба инъикоси амиқи мавзӯъҳои гуногуни барои аудиторияи маҳал шавқовар бештар таваҷҷуҳменамояд.

Дар ин фасли кор бо такя ба сарчашмаҳои гуногун моҳият ва хосияти матбуоти маҳаллӣ ва ё матбуоти поёнӣ тавзеҳ дода шудааст.

Дар фасли дуюми боби якум, ки**"Ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон"** номгузорӣ шудааст, таърих ва заминаҳои пайдоиши аввалин нашрияҳои маҳаллӣ дар кишвармавриди таҳққиққарор гирифта, муаллиф барҳақ таъкид мекунад: "Ба майдон

омадани матбуоти маҳаллии кишвар ба се замина ва унсури аслӣ – дар шаҳру ноҳияҳо ташкил кардани газетаҳои деворӣ, соли 1924-1925 оғоз гардидани инқилоби маданӣ ва роҳандозии аввалин нуқтаҳои радиоӣ дар оғози солҳои сиюм – вобастагӣ дорад”. Дар ин фасли кор давраҳои ташаккули матбуоти маҳаллии Тоҷикистон низ зикр шуда, солҳои 1960-1990 марҳилаи шукуфоиву пешрафти ин навъи матбуоти даврӣ арзёбӣ мегардад.

Фасли сеюми боби якум – **“Таърихи мухтасари нашрияи “Шаҳриёр”** – дар бораи таърихи ташкилшавии нашрияи “Шаҳриёр”-и шаҳри Ваҳдат маълумот дода, муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ сол ва рӯзи таъсиси онро мушаххас кардааст. Хусусан, таъкид мекунад, ки рӯзномаи ноҳиявии “Шаҳриёр” шаш сол пас аз таъсисёбии ноҳияи Янгибозор, яъне 3 ноябри соли 1933 бо номи “Комунна” ташкил гардид.

Марҳилаҳои ташаккули нашрияи “Набзи Файзобод”-и ноҳияи Файзобод дар фасли чоруми боби якум - **“Нашрияи “Набзи Файзобод” ва марҳилаҳои ташаккули он”** - муайян карда шудаанд. Ба таъкиди муҳаққиқ рӯзнома дар тӯли фаъолият танҳо 20-30 соли ҳаёти босамар доштааст, ки солҳои 1970-1990 мебошад.

Боби дуюми кор, ки **“Таҳлили мавзӯоти асосии матбуоти маҳаллӣ”** ном дорад, дар се фасл мураттаб шудааст. Дар фасли аввали он – **“Нақши идеологӣ ва уфуқҳои мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ”** мушаххас карда шудааст, ки муҳтавою мундариҷаи нашрияҳои маҳаллӣ бо дарназардошти таъиноти идеологии онҳо шакл гирифта, воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ дар партави ҳаёти ҳизбӣ инъикос ёфтааст. Дар натиҷаи омӯзиш маълум карда шудааст, ки мубориза ба муқобили душманони синфӣ, мубориза алайҳи босмачигарӣ, якдилӣ дар замони ҶБВ, меҳнати осоиштаи баъдиҷангӣ, сулҳу ватандӯстӣ дар муқобили капитализм, ҷонибдории сиёсати ҳизбӣ, садоқату муҳаббат ба ватан, хиёнату фиреби қаллобону муфтхӯрон, мақоми зан дар ҷомеа, сулҳу ваҳдату созандагӣ ва амсоли он муҳтавои публитсистии саҳифаҳои нашрияҳо дар солҳои гуногун будаанд.

Дар фасли дуюми боби дуюм, яъне **“Доираи мавзӯоти фарҳангиву худшиносии миллӣ”** муаллиф таъкид мекунад, ки дар ҳама давраҳоифаъолиятмасоилифарҳангухудшиносӣазсаҳифаиматбуотдаркан орнамонда бошад ҳам, бо сабаби таъсири худшиносии интернатсионалии миллатҳоисобиқшӯравӣ дар асри гузашта ин масъалаҳодарматбуотимаҳаллӣ нисбатан маҳдудтар инъикос мегардиданд.

Масъалаи инъикоси сохтмону бунёдкориҳо дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ дар фасли сеюми рисола, ки **“Мавзӯи сохтмон ва бунёдкориҳои кишвар”** ном дорад, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқдар натиҷаи қиёсу таҳлилҳо иброз медорад, ки дар миёни матолиби ба мавзӯисохтмону бунёдкориҳо бахшидашуда дар замони шӯравиюистиқлолият тафовути назаррас он аст, ки бунёдкориҳои замони шӯравӣ руҳияи миллии камтар доштанд ва ҳама чиз ба сиёсати марказ иртибот мегирифт.

**“Рангорангии жанрии матнҳои публитсистикаи бадеӣ”** унвони боби сеюми рисола буда, ба ду фасл тақсим мегардад. Фасли аввали он - **“Таъиноти умумӣ ва хосаи жанрҳои публитсистиву бадеии матбуот”** – ба он бахшида шудааст, ки истифодаи жанрҳои публитсистиву бадеӣ дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ, яъненашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод” чӣгуна аст. Дар фасли дуюми ин боб бо номи **“Баъзе хусусиятҳои жанрии назми публитсистӣ”** нишон дода шудааст, ки шеъри иҷтимоӣ ҳамчун публитсистика дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ чӣ ҷойгоҳе дорад ва таъкид мегардад, ки назми публитсистӣ аз ҷараёни бузурги тарғибу ташвиқи мақсаднок ҳеҷ вақт берун намондааст.

Боби чоруми диссертатсия **“Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар публитсистикаи нашрияҳои маҳаллӣ”** унвон дода шудааст. Ин боб ҳам аз ду фасл иборат буда, дар фасли аввал масъалаи образ ва образнокӣдарпублитсистикаиматбуотимаҳаллӣ таҳқиқшудааст. Фасли дуюми боби чорум **“Таносуби воқеа ва тахайюл дар лавҳа ва очеркҳои матбуоти маҳаллӣ”** ду ҷузъи асосии жанрҳои лавҳа ва очеркро дар саҳифаҳои нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод” суроғ намудааст. Диссертант ақидадорад, ки “бо гузашти вақт тасвирҳои зинда, тахайюлоти рангин ва саҳнаҳои ҷолиб воқеиятро муассиртар нишон додаанд”.

Дар маҷмӯъ, аз мазмуну мундариҷаи рисола ва услуби таълифи он ба хулоса расидан мумкин аст, ки докторант Абдулмумин Қутбиддинов ҳамчун муҳаққиқи дорои қобилияти баланди таҳлилу таҳқиқгарӣ, сабки хоси баррасиву масъалагузорӣ, баёни мавқеи худ ва дифоъ аз он пажӯҳиши арзишмандеро анҷом додааст.

Услуби навишти рисола мазмуну мундариҷаи он ба талаботи кори илмӣ ҷавобгӯ буда, хулосаҳои ба ҳимоя пешбинигардида низ аз лиҳози илмӣ асоснок мебошанд.

Ҳамчунин, рисолаи доктории Абдулмумин Қутбиддинов дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии

матбуоти маҳаллии Тоҷикистон” (дар мисоли нашриёҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) пажӯҳиши тоза дар илми журналистика буда, аз он дар таҳияи китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ барои факултаву шуъбаҳои рӯзноманигорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди арзиши баланд ва муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Аз бобҳои се ва чор имкон буд, ки баъзе фаслҳои марбут ба жанрҳоро муттаҳид карда, аз баҳри тартиб додани фасли алоҳида гузашт. Дар он сурат таносуби фаслҳо низ таъмин мешуд.

2. Дар фишурда баъзе камбудиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасад. (мавзӯот ва мавзуот саҳ 22.)

Аммо камбудиҳои зикршуда ба арзиши автореферати рисолаи доктории диссертант халал намерасонанд ва пажӯҳиши Абдулмумин Қутбиддинов ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи забон ва адабиёти**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд, доктори**
**илмҳои филологӣ, профессор:** Ч. Хамроев. **Ҳамроев Ҷ.**

**Дотсенти Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд, доктори фалсафа**
**оиди фанҳои филологӣ:** **Раҳимқулов Ғ.**

**Имзои Ҷ.Ҳамроев ва Ғ.Раҳимқуловро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд** **С.Абдуллаева**

**Суроға: 140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**шаҳри Самарқанд, хиёбони университет 15**
**Тел: (998)662217030; 662272907**
**E-mail: devonxona@samdu.uz**
**18.06.2021**